«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С. ____________________
«__5__» ____марта____ соли 2026

**Нусха аз протоколи № 9**

ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 28 феврали соли 2026. ш. Душанбе

**Раискунанда: н.и.ҳ., дотсент Давлатмандзода Э.Д.**

**Котиб: лабаранти кафедра Маҷидова Р. С.**

**Иштирок доштанд:** н.и.ҳ., дотсент Э.Д. Давлатмандзода, профессорон М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзода, П.З. Мирзозода, дотсентон Н. Шонасриддинов, Ғ.М. Бобокалон, Р.В. Мирбобоева, С.К. Ризоева, Ш.Ҷ. Мансурӣ, Н.И. Муминзода, И.З. Саъдиев, И.М. Шарифзода, О.А. Мавлоназарзода, Х.С. Каримзода, муаллимони калон Р.М. Хоҷаева, С.И. Исмонализода, ассистентон Ш. Султонзода, Ф.Ҳ. Азамкулов, Ф.А. Амирзода, А.А. Асадуллозода, Абдулхайри Ҳ., лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

**1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** Мирзозода Парвон Зайналобудин – д.и.ҳ., профессор декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Асадуллозода Абдулазиз Асадулло баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар шароити имрӯза кафолати таъмини барқароршавии ҳуқуқҳои вайронгардидаи субъектони ҳуқуқи маданӣ бо роҳу усулҳои гуногун истифода карда, истифодаи шартномаҳои кафолатнок низ дар қонунгузорӣ кафолат дода шудааст.

Тибқи талаботи қонунгузорӣ дар асоси шартномаи эскроу амонатгузор бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди шахси дигар (бенефитсиар), молу мулкро ба агенти эскроу амонат мегузорад ва агент уҳдадорӣ мегирад ин

молу мулкро нигоҳубин намуда, ҳангоми ба вуҷуд омадани шартҳои шартнома онҳро ба бенефитсиар супорад.

Шартномаи эскроу табиати шаффофнокӣ, саҳеҳият, таъмини барқароршавии ҳуқуқи вайронгардида ва пешгирӣ аз хатари вайроншавии ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро дошта, бо ин мақсад на танҳо субъектҳои хоҷагидор, балки мақомоти давлатӣ низ шартномаҳои мазкурро ба имзо мерасонад.

Чунончӣ, дар асоси қарори Ҳукумати ҶТ аз 23-уми майи соли 2025, №297 «Дар бораи суратҳисоби бонкии эскроу барои тақсимот ва пардохти воситаҳои молиявие, ки аз фурӯши неруи барқ тавассути низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд» шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу миёни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик», «Шабакаҳои интиқоли барқ», «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ба имзо расонида шуд.

Шартномаи мазкур бо мақсади таъмини шаффофият ва самаранокии тақсимоти маблағҳои аз ҳисоби фурӯши неруи барқ бадастоянда баста шуда, он имкон медиҳад субъектҳои хоҷагидор ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини неруи барқ, ба воситаи кушодани суратҳисоби эскроу маблағҳои аз фурӯши неруи барқ бадастояндаро тибқи тартиби муқарраршуда тақсим намояд.

Ҳолати мазкур на танҳо манфиати иқтисодии бахши хусусӣ, балки ба ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ низ мусоидат намуда, кафолати истифодабарии онро ба дигар субъектони хоҷагидор нишон медиҳад.

Масъалаи танзими ҳуқуқии шартномаҳо дар соҳаи соҳибкорӣ, бахусус шартномаи эскроу таҳти таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, ҷиҳати муқаррар кардани шартномаи мазкур дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ҳадафҳои стратегӣ муайян карда шудаанд.

Чунончӣ, рушди нокифояи муносибатҳои шартномавӣ мушкилоти муқовимат бо коррупсия дар низоми ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ муайян гардида, дар ин замина барои паст кардани сатҳи коррупсия дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ яке аз масъалаҳои ҳалшаванда рушди муносибатҳои шартномавӣ дар низоми соҳибкорӣ муқаррар карда шудааст.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Сангинзода Д.Ш., н.и.ҳ, дотсентон Шонасриддинов Н., Мавлоназарзода О.А., Мирбобоева Р.В. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Асадуллозода Абдулазиз Асадулло ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Асадуллозода Абдулазиз Асадулло суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти хуби эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Давлатмандзода Э.Д. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла устодони кафедра н.и.ҳ., дотсентон Бобокалон Ғ.М., Мавлоназарзода О.А., Саъдиев И.З., Мансурӣ Ш.Ҷ., Каримзода Х.С. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Асадуллозода Абдулазиз Асадулло мухаккики пурмаҳсул буда, муаллифи 12 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Асадуллозода Абдулазиз Асадулло ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ санаи 28 феврали соли 2026 қабул гардидааст (суратҷаласаи №9 аз 28. 02. 2026).

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 22 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа: мудири кафедраи**
**ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети**
**ҳуқуқшиносӣ, н.и.ҳ., дотсент** **Давлатмандзода Э.Д.**

**Котиби ҷаласа: лаборанти кафедра** **Маҷидова Р.С.**

**Имзои Давлатмандзода Э.Д. ва Маҷидова Р.-ро**
**тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

**«5» 03 соли 2026**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj